# ҚАРОРИ
# МУШОВАРАИ ВАЗОРАТИ МАОРИФ ВА ИЛМИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

“__22___” ___08_____ соли 2016 № __12/17_ ш.Душанбе

**Дар бораи “Низомномаи Озмуни ҷумҳуриявии корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ - “Донишҷӯ ва пешрафти илмию техникӣ”**

Ҷаласаи мушоваpaи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон лоиҳаи “Низомномаи Озмуни ҷумҳуриявии корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён - “Донишҷӯ ва пешрафти илмию техникӣ”-ро баррасӣ намуда,

**ҚАРОР МЕКУНАД:**

1. Низомномаи Озмуни ҷумҳуриявии корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён - “Донишҷӯ ва пешрафти илмию техникӣ тасдиқ карда шавад (замима мегардад).

2.Ректорон (директорон)-и муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Низомномаи Озмуни ҷумҳуриявии корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён - “Донишҷӯ ва пешрафти илмию техникӣ”- ро барои иҷро ба роҳбарӣ гиранд.

3.Раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (Х.Зиёев) риояи Низомномаро дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ зери назорат қарор диҳад.

4.Назорати иҷрои қарори мазкур ба зиммаи муовини аввали вазир Р.Мирбобоев гузошта шавад.

Раиси мушовара,
вазир Нуриддин Саид

Бо қарори мушовараи
Вазорати маориф ва илми
Ҷумҳурии Тоҷикистон
аз 22___” ___08_____ соли 2016
№ __12/17,
тасдиқ карда шудааст

# Низомномаи
## озмуни ҷумҳуриявии корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён - “Донишҷӯ ва пешрафти илмию техникӣ”

### I. Муқаррароти умумӣ

1. Низомномаи мазкур дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи маориф», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ ва таҳсилоти касбии баъд аз муассисаи олии таълимӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника», Низомномаи намунавии корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи рушди инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020, Самтҳои афзалиятноки рушди илм, техника ва технология дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2015-2020 ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқии дахлдор таҳия гардида, ташкил ва тартиби гузаронидани озмуни ҷумҳуриявии корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён - “Донишҷӯ ва пешрафти илмию техникӣ” (минбаъд - Озмун)-ро, ки дар он донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ иштирок мекунанд, танзим менамояд.

### II. Муассис ва ташкилкунандаи Озмун

2. Муассис ва ташкилкунандаи Озмун Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

### III. Мақсади Озмун

3. Мақсади ташкил ва гузаронидани Озмун ин дар амал татбиқ намудани сиёсати давлатӣ дар соҳаи илму технология ва принсипҳои сиёсати илмӣ-инноватсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, имконият фароҳам меорад, ки бо роҳи ҳавасмандкунонии донишҷӯёни болаёқат ва баланд бардоштани мақому мартабаи онҳо, инчунин ҳар чӣ зиёд ҷалб намудани онҳо ба корҳои илмию техникӣ, баланд бардоштани сифати корҳои илмию таҳқиқотӣ ва дар оянда тайёр кардани кадрҳои илмӣ дар муассисаҳои таълимию илмии ҷумҳурӣ неруи зеҳнии донишҷӯёнро инкишоф диҳад.

### IV. Иштирокчиёни Озмун

4. Иштирокчиёни Озмун донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки синни то 25 сола дошта, аз озмуни муассисаи пешниҳодшаванда гузаштаанд, буда метавонанд.

## V. Тадбирҳои асосӣ барои ташкили Озмун

5. Мақоми кории Озмун ҷиҳати ташкил ва гузаронидани он раёсати илм ва инноватсияи Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд- раёсати илм ва инноватсия) мебошад.

6. Раёсати илм ва инноватсия барои ташкили Озмун чунин тадбирҳоро амалӣ менамояд:

- дар мухлати муқарраршуда ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии ҷумҳурӣ доир ба баргузории Озмун маълумот медиҳад;
- маводи Озмунро аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дастрас намуда, барои баррасӣ дар Комиссияи экспертии Озмун омода менамояд;
- барои баҳодиҳии корҳои илмию таҳқиқотии иштирокчиёни Озмун Комиссияи экспертӣ таъсис медиҳад. Комиссияи экспертии озмунӣ аз сардори раёсати илм ва инноватсия, ду нафар сармутахассис, мутахассиси пешбари раёсати мазкур ва намояндагони муассисаҳои таҳсилотии олии касбӣ ва илмӣ иборат аст;
- намояндагони муассисаҳои таҳсилотии олии касбӣ ва илмӣ ба ҳайси экспертҳои бевосита баромад намуда, ба ҳар кори пешниҳодшуда вобаста ба самт ва ихтисоси худ хулоса ва баҳогузорӣ менамоянд.

## VIII. Шарт ва талабот ба кори озмунӣ

7. Корҳое, ки ба озмун пешниҳод мешаванд, бояд ҷавобгӯи қонунгузории ҷумҳурӣ, қарорҳои Ҳукумати ҷумҳурӣ, стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатии ва дар самти илм қабулшуда бошанд.

8. Кори озмун дар асоси шартҳои зерин гузаронида мешавад:

-муҳимияти мавзӯъ;

-татбиқи амалии стратегия, барнома ва консепсияҳои давлатӣ;

-ҷанҳаҳои пурқуввати илмӣ доштани мавзӯъ.

9.Талабот ба кори озмунӣ чунин аст:

- варақаи унвонии кори озмунӣ. Варақаи унвонӣ аз ду саҳифа иборат аст: дар саҳифаи аввал сабти номи муассиса, номи мавзӯъ, иҷрокунанда бо нишондоди бахш, ихтисос, факултет ва роҳбари илмӣ пешбинӣ карда мешавад, ки намунаи он дар замимаи 1 оварда шудааст; дар саҳифаи дуюм танҳо номи мавзӯъ зикр мешавад;

-мавҷудияти нақшаи кор, сарсухан, иқтибос (то 30 %), хулоса, феҳристи адабиёт ва саҳифабандии кор;

-пешниҳоди корҳои илмӣ бо тақриз ва баҳои роҳбари илмӣ;

-ҳаҷми кор - кори озмунӣ бояд на камтар аз 16 саҳифаи андозаи А4 (ҳуруфи Times New Roman Tj -14, фосилаи 1,5 бо андозаи боло 2 см, поён 2 см, рост 1,5 см ва чап 3 см) таҳия карда шавад;

- ба инобат гирифтани қоидаҳои имлои забони давлатӣ (ба истисноӣ корҳое, ки ба забонҳои дигар пешниҳод мешаванд);

- асардуздӣ (плагиат) набудани корҳо.

10. Корҳои озмуние, ки ба талаботи банди 18 Низомнома ҷавобгӯ нест, бе баррасӣ бо мактуби асосноккунӣ ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ баргардонида шуда, такроран қабул карда намешаванд. Дар сурати якчанд нафар будани иштирокчиёни Озмун муассисаи таҳсилоти олии касбӣ рӯйхати корҳои пешниҳодгардида ба Озмунро тибқи замимаи 2 дар шакли хаттӣ ва электронӣ пешниҳод менамояд.

## VI. Тартиби гузаронидан ва ҷамъбасти Озмун

11. Раёсати илм ва инноватсия маводи озмуниро ҳар сол то 1 март аз муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ қабул менамояд. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ то пешниҳод намудани мавод, озмуни дохилии худро гузаронида, баъдан корҳои ғолибонро ба Вазорати маориф ва илм бо мактуби расмӣ пешниҳод менамоянд.

12. Маводи ба Озмун пешниҳодшуда дар шакли баҳогузорӣ (панҷхола ё садхола) баҳогузорӣ карда мешавад.

13. Эксперти бевосита ҳар як корро, ки ба ӯ аз ҷониби раёсати илм ва инноватсия вобаста шудааст, дар алоҳидагӣ баррасӣ ва омӯхта, хулосаи худро дар шакли хаттӣ оид ба тамоми ҷанбаҳои кор бароварда, ба он баҳо мегузорад.

14. Хулоса ва баҳогузории эксперти бевоситаро Комиссия қабул намуда, баҳои ниҳоиро ба ҳар кор мегузорад.

15. Дар ҳолатҳои баҳснок бо мақсади таъмини шаффофияту воқеият ҷиҳати баҳогузории кори иштирокчиёни Озмун маводи озмунӣ барои баҳодиҳӣ ба экспертҳои мустақил (новобаста) дода мешавад. Ба экспертҳои мустақил хулосаи Комиссияи экспертӣ доир ба маводи озмунӣ дода намешавад. Хулоса ва баҳогузории эксперти мустақил натиҷаи ниҳоӣ ба ҳисоб меравад.

## VII. Ҷамъбаст ва мукофотонидани ғолибон

16. Ғолибони Озмун бо дипломҳои дараҷаи 1,2,3 ва ифтихорномаҳои Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳавасманд гардонида шуда, барои ҳавасмандгардонии иловагии ғолибон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ дастур ирсол карда мешавад. Муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ вазифадоранд, ки дар мӯҳлати кӯтоҳтарин ғолибони озмунро дар фазои тантанавӣ ҳавасманд намоянд.

17. Натиҷаи Озмун аз тарафи раёсати илм ва инноватсия дар сайти Вазорати маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, рӯзномаи «Омӯзгор» ва расонаҳои дигари хабарӣ нашр карда мешавад.

18. Озмун ҳар сол тибқи фармоиши вазири маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон то арафаи Рӯзи илми тоҷик (ҳафтаи сеюми моҳи апрел) ҷамъбаст карда шуда, натиҷаи он дар Рӯзи илми тоҷик бо тақдими диплом ва ифтихорномаҳо эълон карда мешавад.

19. Корҳои озмунӣ пас аз ҷамъбасти озмун як сол нигоҳ дошта шуда, баъдан нест карда мешаванд.

20. Натиҷа ва хулосаҳои Комиссияи экспертии Озмун оид ба корҳои Озмун барои дастгирии минбаъда ва ҷустуҷӯи роҳҳои ба роҳ мондани татбиқи амалии онҳо дар истеҳсолот метавонанд ба Паркҳои технологии муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ, ки имконият ва иқтидори амалӣ намудани онҳоро доранд, пешниҳод карда шаванд.

Замимаи 1

ба Низомномаи Озмуни ҷумҳуриявии
корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён -
“Донишҷӯ ва пешрафти илмию техникӣ”

НОМИ МУАССИСА ____________________________________________

**номи пурраи муассиса**

МАВЗӮЪ:______________________________________________________

ИҶРОКУНАНДА:__________________________________________

**бо нишон додани факултет ва курсу ихтисос**

РОҲБАРИ ИЛМӢ: __________________________________________

**бо нишон додани унвон ва ному насаб**

**ДУШАНБЕ-2016**

Замимаи 2.
ба Низомномаи Озмуни ҷумҳуриявии корҳои илмӣ-таҳқиқотии донишҷӯён -
“Донишҷӯ ва пешрафти илмию техникӣ”

# Рӯйхати
# корҳои пешниҳодгардида ба озмуни «Донишҷӯ ва пешрафти илмию техникӣ»

## Номи муассисаи таҳсилоти олии касбӣ

| | Ному насаб | Факултет | курс | ихтисос | Номи мавзӯъ | Роҳбари илмӣ | ра мз | муқарриз | баҳо | Ҷой |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| **Бахши математика** | | | | | | | | | | |
| 1 | Абдукаримов Муслим | Механикаю математика | 3 | | Формулаҳои суммаронӣ | Ассистент Абдукаримов М.Ф. | | | | |
| | **Бахши забон ва адабиёти тоҷик** | | | | | | | | | |
| 2 | Ҳасанов Меҳроб | Филология | 5 | | Корбуди иқтибосоти русӣ- аврупоӣ дар ҳафтаномаҳои «Ҷумҳурият» ва «СССР» | Музофиршоев М. | | | | |